**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ ХОЛИС**

**ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз – «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом», ки аз лиҳози қаробати мавзуъ пас аз «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» (ҳимояшуда соли 2020 аз тарафи доктор (phd) аз рӯйи ҳамин ихтисос Н.Нигматов) диссертатсияи дуюми таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ Фахриддин Насриддинов таълифшуда мебошад, идомаи пажуҳишоти густардаи адабиётшиносони варзида Худоӣ Шарифзода, Носирҷон Салимӣ ба ҳисоб меравад.

Мундариҷаи диссертатсия на фақат дар доираи осори насрии Аҳмади Ҷом (1048-1049 –1141), ки 10 асари мансури бозшиносишуда – «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия», «Зикр», «Сирр-ул-мактум»-ро ташкил медиҳад, маҳдуд мешавад, балки мероси насрии аҳли қалами садаҳои XI-XII, ба вижа насри ирфонии асрҳои мазкурро низ фаро мегирад. Ин густардагии мундариҷавӣ дар доираи объекти таҳқиқ, ки кори пажуҳандаро нисбатан мушкилтар ва бофти мавзӯии пажуҳишро як андоза пургиреҳу печидатар месозад, дар диссертатсияи мазкур ба ҷойи эҷоди чунин душвориву гиреҳхӯрдагӣ, баръакс навъе мояи сабукгириву осонсозии таҳқиқ ва дарёфту корбурди равиши тозаи пажуҳиш ба сурати як дастоварди илмии тозатаҷрибашуда гаштааст, ки ин ҳама аз дониши васеъ ва ҷаҳонбинии илмии диссертант дар самти илми адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ду фасли боби аввали он («Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ» ва «Насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом»), ба ҷуз сарчашмашиносии мухтасару мудаллали рӯзгору осори Аҳмади Ҷом, ҷойгоҳи осори мансури вай дар байни асарҳои насри ирфонии замонии зиндагияш, ки хеле дақиқ таснифот ва таҳлилу баррасӣ ёфтаанд, бар пояи истидлолҳои мутқан муайяну муқаррар шудааст. Дар фасли аввал зимни муаррифиву нақди

фишурдаи сарчашмаҳои адабиву таърихии рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом зиндагиномаи ин донишманд бори нахуст дар кишвар ба шакли дақиқ ва пурра бо истинбот аз осори насрии худи шоир ва маъхазҳои дастаи аввал ба қалам омадааст, ки бо истифода аз он имкони боислоҳу такмил аз нав таълиф кардани мадхали «Аҳмади Ҷом» дар «Энсиклопедияи миллии тоҷик» муҳайё мегардад. Дар се зерфасли фасли дуюм осори насрии ахди Аҳмади Ҷом ба дастаҳои «осори ирфони назарӣ ва амалӣ», «мақомоту табақот ва зиндагиномаҳоии сӯфиён», «тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ» ҷудо шуда, хусусиятҳои ҳар як дастаи мумтозшуда нишон дода шудааст.

Мундариҷаи ду фасли боби дуюми диссертатсия («Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» ва «Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом») собит месозад, ки дар самти муаррифӣ, накду баррасии мутуни осори адабии ҳанӯз номунташир ва таҳқиқнашудаи Аҳмади Ҷом, хусусан нусхаҳои хаттии онҳо саъю талоши диссертант самаранок мебошад. Барои вай муяссар шудааст, ки бо кӯмаки феҳристи нусахи хаттии китобхонаҳои машҳури олам ва бо истифодаи бевосита аз худи нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ҷом (гузинаи электронии дастнависҳо) ба нусхашиносии тавсифӣ пардохта, нусхаҳои хаттиеро дастрас ва муаррифӣ кардааст, ки онҳо дар ихтиёри мусаҳҳеҳони эронӣ, аз ҷумла Алии Фозил қарор надоштаанд. Дар фасли дуюми боби дуюм натиҷаҳои пажуҳишоти вай, хусусан корбурди равиши шинохту таҳлили сохториву мавзӯии силсилаи осори як нависанда минбаъд дар омӯзиши мероси адабии донишмандони бисёросор қобили пайравӣ мебошад.

Дар боби сеюм, ки аз чор фасл иборат мебошад, масоили поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар робита бо масоили матншиносӣ дар ҳоли тамзиҷ хеле хуб матраҳ гардида, натиҷагириҳои мӯҷазу мухтасари ҳар фасли он далели дар сатҳи матлуб ҳаллу фасл шудани матолиби мавриди таҳқиқ буда, аз огоҳии диссертант дар самти илми матншиносӣ ва назарияи адабиёт, хусусан назарияи наср дарак медиҳад. Намунаҳои мансуру манзум аз осори Аҳмади Ҷом, ки аз мутуни тасҳеҳшуда ва гоҳе аз нусхаҳои хаттӣ барои исботи фикру назар баргузида шуда, дар фаслҳои ин боб дарҷ ёфтааст, дуруст интихоб ва баргардон шуда, саҳву лағзишҳое, ки қобили мулоҳиза ва эроди ҷиддӣ бошад, дар қироату сабт дида намешавад. Дар фасли якуми боби сеюм («Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом»)

«равониву содагии калом», «такрори аркони ҷумла», «корбурди матн ва луғоту таъбироти арабӣ», «истифодаи калимаҳои куҳан»-у «корбурди вожагони лаҳҷавӣ», «усули хоси навиштани ададҳо», «ҷамъбандии калимаҳои ҷамъи арабӣ», «вожагузинӣ дар баробари калимоти арабӣ», «корбурди оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ», «шеваи баёни хитобӣ ва воизона», «ҳикояпардозиҳо» (тамсил), «корбурди санъатҳои бадеӣ» ҳамчун муҳимтарин вижагиҳои сабкӣ бо шавоҳид аз осори насрии Аҳмади Ҷом муайяну муқаррар гардидаанд. Дар фасли дуюм – «Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом», ки аз се зерфасл иборат аст, масъалаҳои «истифодаи ашъори шуарои пешин», «истифодабарӣ аз шеъри худ», «корбурди ашъори арабӣ» хеле мӯшикофона таҳлилу баррасӣ ёфтаанд. Дар фасли сеюм – «Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти сӯфия» ба таври баргузида истилоҳоти меҳварии осори насрии Аҳмади Ҷом: «абдол, «адаб», «дарвеш», «дил», «зулф», «зуҳд», «ихлос», «манозил ва дараҷот», «маърифат», «ориф», «самоъ», «солик», «тавҳид», «таваккул», «хавфу раҷо», «ҳол» тавассути луғатномаҳои истилоҳоти сӯфия шарҳу тафсир шуда, бо намунаҳо аз объекти таҳқиқ, ки баёнгари ҷаҳонбинии ирфонии Аҳмади Ҷоманд, ҳусни татбиқ ёфтаанд. Охирин фасли боби сеюми диссертатсия («Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом») шомили масоили вижаи матншиносии гузашта ва ояндаи мероси мансури Аҳмади Ҷом буда, диссертант дар он ба накду баррасии корҳои мусаҳҳеҳон Алии Фозил, Ҳашматуллоҳи Муайяд ва Ҳасан Насирии Ҷомӣ пардохта, дар охир тарҳи дурнамои таҳияи нашрҳои илмӣ-интиқодии асарҳои тасҳеҳшуда ва тасҳеҳнашудаи ин орифи бисёросорро рехта, роҳи тангу ноҳамвори пажуҳишҳои матншиносиро дар ин самт бозтару ҳамвор сохтааст.

Хулосаи диссертатсия ҳам, ки аз 22 банди рехтаву фишурда иборат аст, бо муҳтавои фаслҳои ҳар се боби он мувофиқ буда, тавсияҳои амалии судманди пешниҳодшуда комилан бар таҷрибаи шахсии дар таҳқиқи мавзӯъ ҳосилшудаи диссертант асос дорад.

Диссертант дар ин мавзуъ 8 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки, аз ҷумла 4 мақолаи он дар маҷаллаҳои дорои иҷозати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия мунташир шудаанд. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтору мундариҷа ва арзиши илмӣ ба шумори беҳтарин диссертатсияҳои ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 –

Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) дохил мешавад. Чунки дар шаклу мундариҷаи диссертатсия талаботи ҳар се ҷанбаи ихтисоси мазкур дар ҳадди лозими илмӣ ба инобат гирифта шуда, бо ниҳояти шоистагиву боистагӣ ва амонатнигаҳдорӣ риоя гардидааст.

Норасоиҳои ҷузъие, ки дар сатҳи забони услубан муҳкам ва то андозае моил ба забони илми адабиётшиносии классикии диссертатсия ба мушоҳида мерасад, бештар дар доираи имлои нав, ки баҳсҳое ҳам дар зимн дорад, ба назар мерасад. Ин лағзишҳо хусусан дар мавриди истифодаи садоноки «ӯ»-и устувори дарозу ҳамсадои «й», артикли арабии «ал» дида мешавад, ки ҳамагӣ ислоҳпазир буда, вуҷуди онҳо чизе аз арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад.

Дар бахши китобшиносии диссертатсия низ, ки зарурати баргардони сарчашмаҳои форсиву арабӣ ба алифбои кириллӣ ба инобат гирифта шудааст, бо теъдоди ниҳоят кам хатоҳои техникӣ ба назар расид, ки ислоҳи он низ ба манфиати кор аст.

Сарфи назар аз ин ҳама костиҳои нисбиву ҷузъӣ, диссертатсияи мазкур кори тамомшуда ва комил ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ба талаботи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ ва пурра ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия мешавад.

Муқарризи холис
номзади илмҳои филологӣ,
муовини директори МД
«Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ»: Шарифов Ш.Ҳ.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, маҳаллаи №27, хобгоҳи №8, 39
тел: 992 927133327 E-mail: sharifniy_shodi@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ, муовини директор
Шодиқул Шарифовро тасдиқ мекунам: Хосияти Шаҳобиддин

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, н.Бобоҷон Ғафуров, хонаи 14/6
тел: 992 928776867 E-mail: kamoli-khujandi@mail.ru